**Такриз**

**ба диссертатсияи Тешаев Мирзошариф Саидчафарович дар мавзӯи «Такмили механизми минтақавии ташкилӣ-иқтисодии истифодаи самараноки захираҳои замин (дар мисоли заминҳои обии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон)» барои дарёфти унвони илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.03 – Иқтисодиёти минтақавӣ ва ҳудудӣ.**

Дар рисолаи таҳқиқшавандаи Тешаев М.С. маълумоти кофӣ барои тасдиқи мувофиқат ва навоварии таҳқиқоти дар он овардашуда мавчуд мебошад. Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори истифодаи захираҳои обӣ дар минтақаҳои кишоварзии таҳиянамудаи муаллиф барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва рушди соҳаи кишоварзии мамлакат бениҳоят муҳим ба шумор меравад. Дарачаи таҳия, коркард ва омӯзиши мавзуъ нишон медиҳад, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур метавонад дар ҳалли масъалаҳои муҳими амалии муносибатҳои бозаргонӣ дар механизми идоракунии захираҳои об дар шароити муосир саҳми муайян гузорад.

Такмили механизми ташкилӣ-иқтисодии истифодаи устувори об дар соҳаи кишоварзии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон ва муайян кардани омилҳои экологӣ ва икдисодӣ ҷиҳати махсусро ҷалб менамоянд. Мо бо андешаи унвонҷӯ розӣ шуда метавонем, ки дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибатҳои об бо назардошти омилҳои ташкилӣ-иқтисодӣ он қадар инкишоф наёфтаанд, ки ин дар навбати худ мавзӯи интихобшударо муҳим мегардонад.

Мавзӯи интихобкардаи унвонҷӯ на танҳо барои мутахассисони ин соҳа ҷолиб аст, балки барои омӯзиши мушкилоти рушди икдисодии тамоми минтақа муфид хохад буд. Ҳамчун як навоварӣ, эътироф кардан мумкин аст, ки вазифаҳои назариявӣ барои баҳогузории иқтидори захираҳои обӣ истифода мешаванд, имконият медиҳад, ки ба таври сифатӣ ва миқдорӣ арзёбии вобастагии омилҳои мухталифе, ки ба рушди устувори об таъсир мерасонанд, муайян карда шаванд.

Дурустии натиҷаҳои назариявии кор бо маълумоти озмоишӣ дар асарҳои маъруф бахшида ба мавзӯъҳои шабеҳ тасдиқ карда мешавад.

Бо назардошти ҳамаи афзалиятҳои рисолаи номбурда, камбудиҳо ва норасоҳои зерини рисоларо номбар кардан мумкин аст:

1. Дар қисмати сарсухан, дар бахши сатҳи омӯзиши мавзуъ шумораи зиёди олимони ватанӣ, ки истифодаи устувори захираҳо обӣ ва такмили механизми идоракунии онро мавриди омӯзиш қарор додаанд оварда нашудаанд;

2. Дар боби аввал, дар саҳифаи 41, номи расми 1 нодуруст оварда шудааст, (аллакай дар рисола ин расми дуюм ба ҳисоб меравад), ва тавсия дода мешавад, ки номи расми мазкур аз ҷиҳати илмӣ дурст ва асоснок гузошта шавад;

3. Дар рисола, хусусан дар боби 1 ва 2 дар ҷадвалҳои овардашдуа, сарчашмаҳои овардашуда (источники) нодуруст оварда шудаанд ва аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда нашудаанд. Аз унвонҷӯ хоҳиш карда мешавад, ки саршмаҳои дар ҷадвалҳо овардашуда ба таври дуруст аз рӯи тартиботи муқарраркардаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқарраркардашуда ба роҳ монда шаванд.

4. Дар боби сеюми рисола, ки боби ҷамъбастӣ ба ҳисоб меравад, дар он амсилаи (модели) консептуалии ташкили механизми ташкилӣ-иқтисодии рушди устувори идоракунии захираҳои обӣ ба назар намерасад.

5. Шумораи зиёди истинодҳо (ссылка), ки дар рисола оварда мешавад бо забони русӣ оварда шудаанд. Ба унвонҷӯ тавсия дода мешавад, ки онҳоро бо тариқи муқарраргардида ба забони тоҷикӣ тарҷума гардонад.

6. Дар рисола миқдори муайяни хатогиҳои имлоӣ ва грамматикӣ мушоҳида гардидаанд.

Ин камбудиҳо ва норасоиҳоии муайянгардида арзиши умумии диссертатсияро коҳиш намедиҳанд ва ба натиҷаҳои назариявӣ ва амалии диссертатсия таъсир намерасонанд. Норасоиҳои муайянгардида хусусияти машваратӣ

доранд ва онро муаллиф ҳангоми тахияи гузориш барои дифоъ метавонад ба эътибор гирад.

Корро муаллиф мустақилона дар сатҳи кофии илмӣ ба анҷом расонидааст. Дар рисола миқдори кофии маълумоти воридшуда, шарҳҳо, ҷадвалҳо ва тасвирҳо мавҷуданд. Рисола касбӣ ва ботартиб навишта шудааст.

Таҳқиқоти рисолаи номзадии **Тешаев Мирзошариф Саидҷафарович** дорои аломатҳои зарурии навоварии илмӣ буда, аз нуқтаи назари истифодаи имконпазири натиҷаҳо арзиши амалӣ дорад. Рисолаи мазкур ба талаботҳои Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқ мебошад. Унвонҷӯ шоиста аст, ки аз марҳалаҳои дифои рисолаи номзади илмӣ гузарад.

**Тақризнавис:**
**н.и.и., м. к. кафедраи системаҳои иттилоотӣ дар иқтисодиёти ДМТ** **Абдурахмонов Ф.А.**

**Сардори РК ва корҳои махсуси ДМТ** **Тавқиев Э.Ш.**